**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.09.2025, №104

Барои сазовор донистани Саъдуллозода Исматулло Саъдулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» барои дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 15-уми июли соли 2025 бо суратмаҷлиси №100 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Саъдуллозода Исматулло Саъдулло 1-уми январи 1960 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1982 Институти давлатии педагогии шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Солҳои 2012-2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз 4-уми октябри соли 2019 то имрӯз муаллими калони кафедраи номбурда мебошад.

Саъдуллозода Исматулло Саъдулло солҳои 2017-2021 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Кӯчарзода Аламхон**.

**Муқарризони расмӣ**: **Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи адабиёти

муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва **Қурбонзода Маҷид Абдулҳамид** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт, доктори илмҳои филологӣ, профессор Салими Хатлонӣ, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Шамсов Нурмад Сироҷович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Боев Шавкат Элмуродович имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**1.Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Кӯчаров, А., Ҳасанов, И. (Саъдуллозода, И.С.) Мавқеи ғазал дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ / А. Кӯчаров, И. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – №4/9 (185). – С. 272-275.

[2-М]. Ҳасанов, И. Ҷойгоҳи рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ / И. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе, 2017. – №4/4. – С. 207-210.

[3-М]. Ҳасанов, И. Шеъри нав ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ / И. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 214-217.

[4-М]. Ҳасанов, И. Истиора ва вижагиҳои он дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ / И. Ҳасанов // Ахбори АМИТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (271). – С. 234-238.

[5-М]. Ҳасанов, И. Тараннуми Ватан дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ / И. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Бахши илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – №1 (57). – С. 293-298.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Ҳасанов, И. (Саъдуллозода, И.С.) Мавқеи рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ / И. Ҳасанов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии адабиёти аҳди ҷадидия ва даврони шуравии тоҷик». – Душанбе: Сино, 2017. – С. 54-60.

[7-М]. Ҳасанов, И. Ҳунари шоирии Алимуҳаммад Муродӣ / И. Ҳасанов // Масъалаҳои мундариҷа дар адабиёти тоҷики даврони Истиқлол. Мақолаҳо аз конференсияи ҷумҳуриявии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, 02.12.2017). – Душанбе: Сино, 2018. – С. 80-85.

[8-М]. Ҳасанов, И. Ҷойгоҳи шеъри нав дар эҷодиёти А. Муродӣ / И. Ҳасанов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодоноу кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди усутувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардуми», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон С. Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 519-520.

[9-М]. Саъдуллозода, И.С. Мухтасари ҳаёт ва осор / И.С. Саъдуллозода // Мавҷи садоқат аз авҷи ҳунар (Аз рӯзгор ва осори Алимуҳаммад Муродӣ). Мураттиб ва муаллифи сарсухан: А. Кӯчарзода. – Душанбе: ҶДММ “Меҳроҷ граф”, 2025. – С. 5-27.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара Саидҷаъфаров Озод

Шовалиевич мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант се эрод манзур шудааст:

1. Ба андешаи мо, унвони кор бояд “Алимуҳаммад Муродӣ ва хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори ӯ” мешуд, на ба тарикe, ки муаллиф онро барои ҳимоя пешниҳод кардааст. Зеро боби нахусти кор махсус ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоир бахшида шудааст.

2. Дар фасли чаҳоруми боби сеюми кор муаллиф зимни овардани ин мисраоти Муродӣ:

Чароғе ҳамчу чашми духтари рӯйпӯш
Миёни чодари рангаш сиёҳи ҷут.
Шабе буд,
Як шаби думдузд,

Ташбеҳи мисраи 1-умро нодуруст шарҳ додааст. Ба андешаи муаллиф, ибораи “чашми духтар” (дар мисраи аввал) дар баробари вожаи “шаб” (дар мисраи сеюм) ҷузъи мушаббаҳи ташбеҳ, яъне монандшаванда ба ҳисоб меравад, ҳол он ки ҷузъи мушаббаҳи мисраи якум на ибораи мазкур, балки вожаи “чароғ” аст. Яъне, шоир чароғро ба чами духтари рупӯш монанд кардааст, на баръакс. Баъдан, дар мисраи охир шояд ба хотири саросемагӣ дар чоп бошад, ба ҷойи “марди думдузд” – “шаби думдузд” оварда шудааст, ки он ислоҳ металабад; чаро ки худи муаллиф дар боло, пеш аз овардани мисоли шеърӣ зимни шарҳи ташбеҳ ибораи “марди дамдузд”-ро зикр кардааст. Бар илова, муаллифи кор дар шарҳи монандшавандаву монандкунанда, ҳамчунин, дар хусуси вуҷуҳоти шабаҳ, яъне сабабҳои монандкунӣ (дар мисраи якум: “рупӯшӣ” дар мисраи охир: “дамдуздӣ”) низ сухан меронд.

3. Дар кор ҷо-ҷо хатоҳои имлоӣ (“раъй”– “райъ” с. 5 ба ҷойи “шуҷоъу ҷасур” ё “шуҷову ҷасур” – “шуҷою ҷасур” с. 9), услубӣ (6 бори номувофиқатии мубтадоҳои чидашуда бо хабари муфрад (яъне: дар шумораи танҳо) дар мисоли феъли “шудааст” с. 11) ва хатоҳои техникӣ (ба ҷойи “расидан” – “расдан” с. 5) мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо, албатта, бар камоли кор мефизояд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Холиқова Зайналбӣ Кенҷаевна, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Дар боби сеюми кор дисертант бо вуҷуди он ки гурӯҳбандии шаклҳои шеърии тарҷеотро аз рӯйи муҳтаво дуруст ҷудо кардааст, аммо беҳтар мебуд, ки ин ду навъро дар шакли тарҷеъбанд ва таркиббанд зикр мекард (на тарҷеот ва тарҷеъбанд с. 16)

2. Дар фишурдаи дисертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (с. 9, 12, 14, 17) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Раҳмонов М. М., дар маҷмуъ мусбат буда, дар он камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст.

Масалан, тарҷумаи русии дубайтии:

Агар сад лайлаин душман биҳонад,
Ба рӯйи чашму мижгонат нишонад.
Туро охир газад чун даст ёбад,
Ягон саг аз сагии худ намонад.

Мазмуну муҳтавои аслро дуруст ифода карда наметавонад (ниг. ба с. 26 автореферат).

Ҳамчунин, дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва грамматикӣ мушоҳида шуд: нишонат –26 не, нишонад; пайаҳа –22 не, пайраҳа; бараъло –не, баръало...

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Саъдуллозода Исматулло Саъдулло бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ ба таҳқиқи рӯзгору осор ва мухтассоти ашъори Алимуҳаммад Муродӣ пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маҷмуаҳои интишорёфта, ашъори дар рӯзномаву маҷаллаҳои адабӣ нашрнамудаи Алимуҳаммад Муродӣ ва нуҳ маҷмуаи шеърии ӯ сурат гирифтааст. Нашрҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ **баррасӣ гардида**, моҳият ва аҳаммияти адабию ҳунарӣ ва тарбиявию эстетикии онҳо **муайян карда шудаанд;**
- бозтоби бадеии масоили мавзуӣ ва жанрии дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ аз дидгоҳҳои гуногун **таҳқиқу баррасӣ гардида,** аҳаммияти эҷодиёти адиб дар тарбияи сиёсӣ, иҷтимоӣ, ватандӯстӣ ва ахлоқии насли наврас **собит шудааст;**
- вижагиҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ таъин гардида, мунсубияти жанрӣ, бадеият ва анъанаю навпардозиҳои шоир дар анвои гуногуни адабӣ **мушаххас карда шудаанд**;

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола омӯзиш ва шинохти ҷанбаҳои гуногуни эҷодиёти, Алимуҳаммад Муродӣ хусусан, ашъори ӯро комилтар гардонида, дар баррасии самтҳои дигари фаъолияти адиб ва зимни пажӯҳишҳои адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ, забоншиносӣ, таърихнигорӣ ва рӯзноманигорӣ метавонад накши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар баррасии хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори ватандӯстонаи Алимуҳаммад мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои пажӯҳишии муҳаққикро дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун ва зимни баррасии дигар паҳлуҳои фаъолияти эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ метавон истифода бурд.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки маводди дар диссертатсия манзуршуда ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми таҳияи маводди таълимӣ ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти давраи нав, хусусан, адабиёти замони Истиқлол барои факултетҳои равияи суханшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Аҷамӣ, Иқболӣ М. А., А. Зарринкӯб, Т. Зеҳнӣ, С. Табаров, М. Шакурӣ, Ю. Акбарзода, М. Имомзода, А. Кӯчарзода, Р. Ваххобзода, Алиасғари Шердӯст, Мусулмонқулов Р., Посперов Г. Н. Рейснер М. Р. ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, хронологӣ, таҳлилӣ ва назарияи жанрҳои адабӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар рисола суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажӯҳишҳо оид ба хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ фаъолияти гуногунҷабҳаи ӯ – публитсистӣ ва нависандагӣ метавон истифода бурд. Маводди диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, хусусан, даврони Истиқлол ва ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба рӯзгору осори Алимуҳаммад Муродӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ оид ба нақшу ҷойгоҳи Алимуҳаммад Муродӣ дар адабиёти замони Истиқлол таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзӯи диссертатсионӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи манобеи илмию адабӣ роҷеъ ба хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва масъалаҳои марбут ба мавзую муҳтавои ашъори шоир мушаххас мешаванд.

Муаллиф бо истифода аз равишҳои илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои адабиётшиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Саъдуллозода Исматулло Саъдулло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Бобомаллаев И.Ҷ.

25.09.2025.